УДК 36.1/5
ББК 65.261.414

# МАСЪАЛАҲОИ САМАРАНОКИИ ИМТИЁЗҲОИ АНДОЗӢ ДАР КОРХОНАҲОИ КОРКАРДИ ПАХТА

***Маъмуров Анварҷон Маҳмудҷонович*** *– номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи андоз ва андозбандии ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд), e-mail:* a.mamurov1974@mail.ru
***Ҷумъабоев Хуршед Қодирович*** *- номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи андоз ва андозбандии ДДМИТ, e-mail:* andoz-73@mail.ru.
***Кузибаева Бароат Муротбоевна*** *- номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# ВОПРОСЫ ЭФФЕКТИВНОСТИ НАЛОГОВЫХ ЛЬГОТ НА ХЛОПКОПЕРЕРАБАТЫВАЮЩИХ ПРЕДПРИЯТИЯХ

***Маъмуров Анваржон Махмуджонович*** *- кандидат экономических наук, доцент кафедры налогов и налогообложения ТГУПБП; (Таджикистан, Худжанд), e-mail:* a.mamurov1974@mail.ru
***Джумабоев Хуршед Кодирович*** *- кандидат экономических наук, доцент кафедры налогов и налогообложения ТГФЭТ: (Таджикистан, Душанбе), e-mail:* andoz-73@mail.ru.
***Кузибаева Бароат Муротбоевна*** *- кандидат экономических наук, доцент Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики (Таджикистан, Худжанд)*

# ISSUES OF EFFECTIVENESS OF TAX BENEFITS IN COTTON PROCESSING ENTERPRISES

***Mamurov Anvarjohn Makhmudjohnovich*** *- Candidate of Economics, Associate Professor of the Department of Taxes and Taxation under TSULBP; (Tajikistan, Khujand), e-mail:* a.mamurov1974@mail.ru
***Jumaboev Khurshed Kodirovich*** *- Associate Professor of the Department Taxes and Taxation DTSFE (Tajikistan, Dushanbe), e-mail:*andoz-73@mail.ru.
***Kuzibaeva Baroat Murotboevna****- Candidate of Economics, Associate Professor of the Tajik State University of Law, Business and Politics (Tajikistan, Khujand), e-mail: baroatbony@mail.ru.*

***Калид вожаҳо:*** *низоми андоз, корхонаҳои коркарди пахта, қонунгузории андоз, имтиёзҳои андоз, ӯҳдадории андоз, манбаи андозбандӣ, меъёрҳои андоз.*

*Дар мақолаи мазкур оид ба нақш ва аҳамияти имтиёзҳои андозӣ дар корхонаҳои коркарди пахта мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст. Қайд карда мешавад, ки танҳо дар асоси таҳлили нишондодҳои молиявию иқтисодии ин корхонаҳое, ки дастгирӣ карда мешавад дараҷаи расидан ба ҳадафҳое, ки ба онҳо нигаронида шудаанд, самаранокии онро метавон арзёбӣ кард. Инчунин соҳаи кишоварзӣ, ки намудҳои фаъолияти иқтисодиро дар бар мегирад, аз таъмини маҳсулотҳои кишоварзӣ, арзиши изофа ва таъмини маҳсулоти пахта ба бозори истеъмолӣ, то таъмини амнияти озуқаворӣи миллӣ, як бахши муҳимми иқтисодиёт боқӣ мемонад. Дар мақола муалифон омӯзиш ва баҳодиҳии имтиёзҳои ба ҶДММ “Иттиҳодияи истеҳсолии нассоҷи тоҷик” муқарраршударо таҳлил ва муҳокима намудаанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рақобатпазир шудан, муҷтамаи агросаноатӣ дар коркарди пахта як қатор мушкилоте дорад, ки ҳам корхонаҳои калон ва ҳам истеҳсолкунандагони хурди кишоварӣ бо онҳо дучор меоянд. Муаллифон инчунин таҷрибаи хориҷиро дар самти самаранокии намудани имтиёзҳои андозӣ дар корхонаҳои коркарди пахтаро дар заминаи рушди инноватсионии мuҷтамаи агросаноатӣ муаррифӣ намуда, стратегияи ҳавасмандкунии рушди дохилии ин бахшро муфассалтар пешниҳод намудааст.*

***Ключевые слова****: налоговая система, хлопкоперерабатывающие предприятия, налоговое законодательство, налоговые льготы, налоговые обязательство, налогооблагаемая база, налоговые ставки.*

*В данной статье изучена и проанализирована роль и значение налоговых льгот на хлопкоперерабатывающих предприятиях. Отмечено, что только на основе анализа финансово-экономических показателей предприятий можно оценить степень достижения поставленных перед ними целей, его эффективность. Также важным сектором экономики остается аграрный сектор, который включает в себя виды экономической деятельности, от обеспечения сельскохозяйственной продукцией, добавленной стоимостью и поставкой хлопчатобумажной продукции на потребительский рынок, до обеспечения национальной продовольственной безопасности. Авторы проанализировали обучение и оценку льгот, установленных для ООО «Таджикское текстильное производственное объединение». Для того, чтобы стать конкурентоспособным в Республике Таджикистан, агропромышленный комплекс по переработке хлопка имеет ряд проблем, с которыми сталкиваются как крупные предприятия, так и мелкие сельхозпроизводители. Авторы также представили зарубежный опыт в направлении эффективности налоговых льгот на хлопкоперерабатывающих предприятиях в контексте инновационного развития агропромышленного комплекса, а также более подробно представили стратегию стимулирования внутреннего развития данной отрасли.*

***Keywords**: tax system, cotton processing enterprises, tax legislation, tax benefits, tax liability, taxable base, tax rates.*

*This article studied and analyzed the role and importance of tax incentives in cotton processing enterprises. It is noted that only on the basis of an analysis of the financial and economic indicators of these supported enterprises, it is possible to assess the degree of achievement of their goals, its effectiveness. The agricultural sector also remains an important sector of the economy, which includes economic activities ranging from the provision of agricultural products, value added and the supply of cotton products to the consumer market, to ensuring national food security. In the article, the authors analyzed and discussed the training and assessment of benefits established for Tajik Textile Production Association LLC. In order to become competitive in the Republic of Tajikistan, the cotton processing agro-industrial complex has a number of problems that both large enterprises and small agricultural producers face. The authors also presented foreign experience in the direction of the effectiveness of tax incentives for cotton processing enterprises in the context of the innovative development of the agro-industrial complex, and also presented in more detail the strategy for stimulating the internal development of this industry.*

Дар солҳои охир бо мақсади рушди саноати сабук, ҷорӣ намудани тенхологияҳои нави истеҳсолӣ, зиёд намудани ҳаҷми коркарди дохилии нахи пахта ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоии рақобатпазир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи татбиқи яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар ҷиҳати афзоиши корхонаҳои истеҳсолӣ дар минтақаҳои гуногун дар самти беҳтар намудани санадҳои меъёрию ҳуқуқии молиявии кишвар мунтазам корҳои судманд ба анҷом расонида шуда истодааст.

Ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) на танҳо барои эҳёи соҳаҳои анъанавии иқтисодиёт балки ҳамчунин барои навсозии бахши агросаноатӣ шароити мусоид фароҳам намудааст. Чуноне ки таҳлилҳо нишон медиҳанд дар давраи имрӯза ноустувории ниҳоят калони тараққиёти пахтакорӣ бо якбора кам шудани истеҳсол ва коркарди пахта ва номутавозунии манфиатҳои иқтисодии корхонаҳои соҳавии ба он алоқаманд пайванд дорад. Дар натиҷа, рақобатпазирии ин соҳа ҳам дар бозори дохилӣ ва ҳам дар бозори хориҷӣ коҳиш ёфтааст. Бо далели афзоиши рақобат дар бозори ҷаҳонии пахта, корхонаҳои саноати бофандагии пахта наметавонанд рақобат кунанд ва истеҳсоли маҳсулоти тайёри нассоҷиро маҳдуд мекунанд. Дар чунин ҳолат содироти маҳсулоти саноатӣ самти ашёи хомро пайдо мекунад.

Фишори рақобати истеҳсолкунандагони хориҷӣ афзоиш ёфта, онҳо бозори моро бо маҳсулоти гуногуни бофандагӣ ва арзон таъмин менамояд. Нигоҳ доштани сиёсати ҷорӣ дар соҳаи рушди пахтакорӣ вазъи имрӯзаи бӯҳронии корро дар соҳа афзоиш медиҳад. Давлат ба таври суст ба тартиб андохтани равандҳои иқтисодии муҷтамаи агросаноатии коркарди пахтаро таъмин карда натавониста, ба рақобатпазирии соҳа амалан таъсир расонида наметавонад.

Дар марҳилаи имрӯза, муҳокимаи фаъолонаи усулҳои пешниҳодшудаи арзёбии самаранокии ҳавасмандгардонии андоз идома дорад, аммо дар ин масъала якдилӣ ба назар намерасад. Ба ақидаи иқтисоддонҳои пешбари соҳаи андозбандӣ, имтиёзҳои андозӣ як шакли амалисозии дастгирӣ мебошад, ки вазифаҳои андозҳоро танзим мекунад[3, С.27-30]. Таҷрибаи андӯхташуда нишон медиҳад, ки ташаккули низоми ҳавасмандгардонии андоз, аз ҷумла тағйир додани маҷмӯи даромадҳои андоз, истифодаи муносибати чандир ба меъёрҳои андоз яке аз роҳҳои асосии танзими андози давлатӣ мебошад. Усулҳои арзёбии самаранокии имтиёзҳои андоз дар аксари минтақаҳо аз рӯи баъзе нишондиҳандаҳо такрор мешаванд ва амалан имкон намедиҳанд, ки робитаи байни имтиёзҳои андоз ва даромад муайян карда шавад, яъне бо таъсири кадом омил (фоида, тағйирот дар қонунгузорӣ) беҳбудии шароити даромадҳои андозро муайян кардан имконпазир аст.

Имтиёзҳои андоз барои ҳисоб кардани баҳодиҳии самаранокии маълумоти ҳисоботи андоз ва манбаҳои иттилоотӣ мебошад. Дар сурати мавҷуд набудани маълумоти зарурӣ дар ин намуди ҳисобот ё дар сурати имконнопазирии истифодаи онҳо, ҳисоботи омории пешниҳоднамудаи мақомоти омор ва дигар намуди маълумот, аз қабили ҳисобҳои ташхисгарон ва маълумоте, ки аз ҷониби гирандагони имтиёзҳои андоз ё шахсоне, ки бо дархости мақомоти дахлдор барои гирифтани онҳо муроҷиат кардаанд, истифода мешаванд.

Аҳамияти муҷтамаи агросаноатии коркарди пахта барои иқтисодиёти мамлакатҳои гуногун пеш аз ҳама ба он фоидае вобаста аст, ки дар сурати бомуваффақият тараққӣ кардани соҳа ба даст меоварад. Пеш аз ҳама, ин афзоиши ҷойҳои корӣ дар истеҳсолот ва дигар соҳаҳои хизматрасонӣ мебошад. Бартарии дигари он самараи мултипликатории рушди муҷтамаи коркарди пахта, яъне таъсири он ба тараққиёти соҳаҳои алоҳидаи субъектҳои хоҷагидорӣ мебошад. Илова бар ин, муҷтамаи коркарди пахта ба иқтисодиёти маҳаллӣ таъсири иқтисодӣ расонада ба содироти маҳсулоти маҳаллиро ҳавасманд мекунад. Ҳамин тариқ, тараққиёти пурсамари муҷтамаи агросаноатии коркарди пахта метавонад истеҳсоли маҳсулоти аз пахта истеҳсошударо дар ҷумҳурӣ хеле афзоиш диҳад ва мутаносибан ба буҷет дохил шудани даромади асъор, тараққӣ додани соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт ва афзудани шуғли меҳнатро таъмин намояд.

Яке аз фишангҳои молиявии давлат, ки дар доираи сиёсати андоз амалӣ мешавад, ки ин пешниҳоди як силсила имтиёз ва дигар сабукиҳои андози мебошад, ки бо воситаи коҳиш додани гаронии андоз, бояд ба тамоюли зиёдшавии шумораи корхонаҳои истеҳсолии ватанӣ таъсири мусбӣ расонад [1, с.279]. Таҳлили муқоисавии сиёсати андози кишвар дар солҳои охир нишон медиҳад, ки ин дастгириҳои Ҳукумати мамлакат ба он равона карда шудааст, ки нишондиҳандаҳои молиявию иқтисодии корхонаҳои саноати кишвар, алалхусус саноати коркарди пурраи пахта таввасути истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ на ин, ки ашёи хом боло бурда, бо ин васила таъмини бозори дохилӣ ва хориҷӣ бо маҳсулоти ватании рақобаттобовар таъмин ва иқтидори содиротии кишвар афзун гардад.

Чӣ тавре, ки Асосгузори Сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз баромадашон қайд намудан. «…дар давраи соҳибистиқлолӣ ба корхонаҳои истеҳсолӣ бо сармояи хориҷиву ватанӣ тавассути озод намудан аз пардохти боҷи гумрукӣ ва андозҳои гуногун дар ҳаҷми беш аз 21 миллиард сомонӣ имтиёзҳо пешниҳод гардиданд, ки саҳми давлат дар рушди саноати кишвар маҳсуб меёбад»[9].

Дар баробари муқаррар ва татбиқи имтиёзҳои андозӣ дар соҳҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар як нуктаи муҳиммро қайд намудан зарур аст, ки самаранокии ин имтиёзҳо низ бояд дар мадди аввал гузошта шавад.Танҳо баъди таҳлили ҳамаҷонибаи нишондиҳандаҳои молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ, ки аз имтиёзҳои андозӣ бархудор ҳастанд метавон хулоса баровард, ки то чӣ андоза, ин имтиёзҳои муқарраршуда ба афзун  шудани ҳаҷми истеҳсоли молу маҳсулот, фонди музди меҳнати коргарон, зиёд шудани фондҳои асосӣ ва гардон таъсири мусбӣ расониданд.

Дар ҳолати баръакс ин таҳлилҳои ба анҷом расонидашуда метавонанд асос шуд, ки дар қонунгузории андози кишвар тағйиротҳои зарури ворид намуда аз имтиёз ва дигар сабукиҳои андозии бесамар даст кашид. Бояд гуфт, ки бо вуҷуди пешниҳоди имтиёзҳои андозии зиёд нишондиҳандаҳои истеҳсолии корхонаҳои саноатии коркарди пахта ба талаботи бозори дохилӣ қаноатманд нест. “Масалан фурӯши либосҳои мактабӣ аз андоз аз арзиши иловашуда ва воридоти ашёи такмилӣ барои истеҳсоли либосҳои мактабӣ аз боҷи воридотӣ ва аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда шуда бошад, ҳам танҳо дар соли 2018 аз ҳаҷми 98 ҳазор тонна нахи пахтаи истеҳсолшуда 93 ҳазор тоннаи он бо дарназардошти бақияи соли гузашта содирот шуда, сатҳи таъминоти хонандагон бо либоси мактабии истеҳсоли ватанӣ дар 8 моҳи соли 2019 ҳамагӣ 9 фоизро ташкил намуд, ки ниҳоят ташвишовар мебошад”[10, с.6].

Тақрибан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 60% нахи пахтаи ҳосилшуда аз ҷониби корхонаҳои коркарди пахта содирот шуда, камтар аз 40% барои истеъмоли дохилӣ боқӣ мемонад. Дар ин давра бисёр корхонаҳои саноати бофандагӣ аз сабаби нарасидани ашёи хом ва арзон шудани таҷҳизот бекор меистоданд. Ҳаминро ба назар гирифта Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои барқарор намудани иқтисодиёти пахтакорӣ ва боз ҳам тараққӣ додани саноати бофандагӣ тадбирҳои аниқ дид. Яке аз ин тадбирҳо ҷудо кардани кӯмакпулӣ ба истеҳсолкунандагони пахтаи хом, пурзӯр кардани назорат аз болои фаъолияти корхонаҳои коркарди пахта ва додани имтиёзҳои андоз ба корхонаҳои нассоҷӣ мебошад.

Бинобар ҳамин зарурати таҳия ва ҳуҷҷати меъёрию ҳуқуқии дахлдор зарур буд, ки дар асоси он самаранокии имтиёзҳои андозиву гумрукии амалкунанда барои ҳамаи субъектҳои хоҷагидорие, ки равона карда шудааст ба миён омад. Аз ин рӯ, бо мақсади арзёбии самаранокии имтиёзҳои муқарраршуда аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Қарор «Дар бораи тартиби пешниҳоди имтиёзҳои андоз ва гумрукӣ» ба тавсвиб расонида шуда, ки дар он тартиби баҳодиҳии самаранокии имтиёзҳои андозию гумрукӣ ва методикаи баҳодиҳии онҳо муқаррар карда шудааст [6].

Омӯзиши ҳуҷҷати мазкур нишон медиҳад, ки баҳодиҳии самаранокии имтиёзҳои андозию гумрукӣ аз рӯи се меъёри асосӣ: буҷетӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар оянда амалӣ карда мешавад.

Самаранокии буҷети таъсири имтиёзҳоро ба даромадҳои буҷети сатҳҳои гуногун муайян мекунад ва бо роҳи муқоисаи талафоти даромади буҷет аз татбиқи имтиёзҳои андозиву гумрукӣ ба субъектҳои хоҷагидорӣ бо афзоиши пардохтҳои андозӣ, ки аз татбиқи ин имтиёзҳо бармеояд, ҳисоб карда мешавад[7,с.37]..

Самаранокии иҷтимоӣ дар он вақт мусбат эътироф мегардад, ки агар татбиқи имтиёзҳо ба афзоиши таъминоти иқтимоии аҳолии минтақа, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, афзоиши даромади шаҳрвандон ва барои ташаккули шароити мусоид барои зиндагии онҳо мусоидат намояд [8,с.180]. Ва ниҳоят, самараи иқтисодии пешниҳоди имтиёзҳои андозиву гумрукӣ дар он ҳолат қобили қабул аст агар он ба беҳтар шудани фаъолияти молиявию иқтисодии андозсупорандагонеро, ки аз ин имтиёзҳо истифода мебаранд ба қайд гирифта шавад.

Дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми имтиёзнокии андозбандии хусусияти андозбандии корхонаҳои навтаъсис ва амалкунанда, ки ба силсилаи пурраи коркарди нахи пахта ба маҳсулоти ниҳоӣ (аз калобаи пахта то маҳсулоти пахтагии дӯзандагӣ) машғул мебошад, муқаррар карда шудааст [4,с.340].

Мутобиқ ба талаботи низоми мазкур корхонаҳои навтаъсис ва амалкунанда, ки ба силсилаи пурраи коркарди нахи пахта ба маҳсулоти ниҳоӣ машғул мебошад, аз санаи бақайдгирии давлатӣ ба мӯҳлати 12 сол аз пардохти андозу пардохтҳои зерин озод карда шудаанд:

- андоз аз фоида (андози низоми соддакардашуда);
- андози арзиши иловашуда;
- андозҳо аз молу мулки ғайриманқул;
- андоз аз арзиши иловашуда ва боҷҳоии гумрукӣ ҳангоми ворид намудани мол бевосита барои эҳтиёҷоти худи корхонаҳо;
- андоз аз арзиши иловашуда ҳангоми содироти мол.

Дар байни тадбирҳои танзими соҳаҳои ба содирот нигаронидашудаи муҷтамаи агросаноатӣ ҷорӣ намудани имтиёзҳои андозӣ ҷойи муҳимро ишғол менамояд. Ба фикри мо қаблаз ҳама истеҳсолкунандагони маҳсулоти пахтагӣ, аз ҷумла хоҷагиҳои пахтакориро ба қонеъ гардондани талаботи дохилро тағйир додан лозим аст. Имконоти озод кардани маҳсулоти саноати коркарди пахта аз андозбандии андози арзиши иловашударо баррасӣ намудан зарур аст, зеро пешниҳоди имтиёзҳои андоз барои ҷалби сармоя ба муҷтамаи агросаноатӣ имкониятҳои фарохро фароҳам меорад. Сухан пеш аз ҳама дар бораи истифодаи усулҳои таъҷилии истеҳлок барои ҳавасмандгардонии маблағгузорӣ ба азнавкунии корхонаҳои коркарди пахта меравад.

Башри баланд бардоштани фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла барои корхонаҳои саноатӣ, сохтмон ва дигар соҳаҳои саноат, ки ба рушди соҳаи кишоварзӣ, сармоягузорӣ мекунанд, ҷорӣ кардани имтиёзҳои андоз мувофиқ мақсад аст[2, с.721]. Ба андешаи мо, зарур мешуморем, ки ҷори намудани имтиёзҳои андоз имкон медиҳад, ки механизми бозории муносибатҳо дар коркарди пахта ба роҳ монда шуда, вазъи молиявию иқтисодии истеҳсолкунандагон ва соҳаҳои алоқаманди муҷтамаи агросаноатӣ дар коркарди пахта боз беҳтар карда шавад.

Вобаста ба ин, ба андешаи мо истифодаи таҷрибаи кишварҳои алоҳидаи Осиёи Марказӣ аз ҷумла Туркманистон ва Қазоқистон, ки соҳаи коркарди амиқи нахи пахтаро фаъолона инкишоф медиҳанд, зарур аст. Дар ин ҷода зурур аст, ки қонунгузории андози кишвар барои ташаккул ва рушди андозбандии соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла истеҳсоли пахта дар оянда такмил дода шавад.

Таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки ҳамаи ин кӯмаки мустақими молиявии давлатро тақозо дошта бо имтиёзҳои қавии андоз ва ангезаҳои сармоягузории тиҷорати хусусӣ дар ин самт пурра гардонида мешавад. Аз ин рӯ, барнома бояд на танҳо барои воридоти технология, балки барои таҳқиқоти илмӣ, корҳои конструктори таҷрибавӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои ватанӣ низ имтиёзҳои андозро пешбинӣ намояд.

Бояд қайд намуд, ки дар қонунгузории амалкунандаи андозу гумрук ба корхонаҳои навтаъсис ва амалкунанда, ки ба силсилаи пурраи коркарди нахи пахта ба маҳсулоти ниҳоӣ машғул мебошад, 7 номгӯи имтиёзҳо муқаррар гардидааст.

Маврид ба зикр аст, ки дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.08.2008, №380 (тағйиру иловаҳо ба он аз 02.02.2009 №94, аз 5.03.2011 №147, аз 01.12.2012 №673, аз 3.01.2014 №37, аз 16.10.2014 №659, аз 30.04.2015 №284) дар маҷмӯъ 12 адад субъект аз ҷумла, ҶДММ “Хима текстайл”, ҶСП "Олим-текстайл", ҶДММ "Спитамен-текстайл", ҶСШП “Коттон текстайл”, ҶДММ "Нику-Хуҷанд", ҶДММ “Файзи Истиқлол 2011”, ҶДММ “Иттиҳодияи истеҳсолии Нассоҷи тоҷик”, ҶДММ “Нассоҷи Хуҷанд”, ҶДММ “Беҳрӯзи Мурод”, ҶСП “Ҷжунтай Данғара Син Силу Текстайл”, ҶДММ “Адолат А” ва ҶДММ “Евразия Текстайл” ба рӯйхати корхонаҳои коркарди нахи пахта, ки аз имтиёзҳои муқаррарнамудаи моддаи 313 Кодекси андози андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бархурдоранд

дохил карда шуда барои ҳар яки он мӯҳлати оғози сохтмон ва ба кор даровардани силсилаи навбатии коркарди нахи пахта то маҳсулоти ниҳоӣ дар алоҳидагӣ муқаррар карда шудааст.

Мутаасифона новобаста аз тасдиқ гардидани ҷадвали ба истифода додани силсилаҳои коркарди нахи пахта (қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.09.2015, №592 ва аз 28.11.2015, №732) ба бештари ин субъектҳои хоҷагидори имтиёзҳо татбиқ карда нашудааст. Зеро, ҷамъиятҳои мазкур сиклҳои муайянгардида коркарди нахи пахтаро умуман ба роҳ намонда, ба фаъолияти хариду фурӯши пахта машғул мебошанд.

Бинобар ба ин дар айни ҳол, имтиёзҳои пешбининамудаи моддаи 313 Кодекси андоз танҳо нисбат ба 3 адад андозсупоранда аз ҷумла, ҶДММ "Файзи Истиқлол 2011", ҶДММ "Иттиҳодияи истеҳсолии Нассоҷи тоҷик" ва ҶСП "Ҷжунтай Данғара Син Силу Текстайл" татбиқ шуда истодааст.

Яке аз ин корхона ҶДММ "Иттиҳодияи истеҳсолии нассоҷи тоҷик дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 январи соли 2014, №37" ба руйхати андозсупорандагони аз имтиёзҳои муқаррарнамудаи моддаи 313 Кодекси андоз бархурдорбуда ворид карда шуда, давраи амали имтиёз барои ҷамъияти мазкур 12 сол аз 1 октябри соли 2013 то 1 октябри соли 2025 муайян карда шудааст.

Тибқи маълумоти Вазорати саноат ва технологияҳои нав иқтидори истеҳсолии корхонаи мазкур коркарди 8000 тонна пахтаро дар як сол ташкил медиҳад. Дар соли 2013 ҳаҷми коркарди пахта дар ҷамъият 2166 тоннаро ташкил намуда, нишондиҳандаи мазкур дар соли 2020 ба 1237 тонна баробар гардидааст, ки нисбат ба соли 2013-ум 929 тонна кам мебошад. Ҳаҷми пахтаи аз ҷониби ҷамъият дар соли 2013 коркардшуда 27 фоизи иқтидори истеҳсолии Ҷамиятро ташкил намуда, ин рақам дар соли 2020 ҳамагӣ 15,4 фоизро ташкил медиҳад. Дар давраи солҳои 2013-2020 аз ҷониби ҶДММ "Иттиҳодияи истеҳсолии нассоҷи тоҷик" ба маблағи 61,7 млн сомонӣ нахи пахта, матоъ ва ришта ба хориҷи кишвар содирот карда шудааст, ки ин дар соли 2013-ум 16,8 млн сомонӣ, дар соли 2014-ум 8,2 млн сомонӣ, дар соли 2015-ум 4,7 млн сомонӣ, дар соли 2016-ум 2,2 млн сомонӣ, дар соли 2017-ум 7,1 млн сомонӣ, дар соли 2018-ум 5,7 млн сомонӣ, дар соли 2019-ум 6,9 млн сомонӣ ва дар соли 2020-ум 10,0 млн сомониро ташкил медиҳад. (ниг.ҷад.№1)

*Ҷадвали №1*

*Нишондиҳандаҳои иқтисодии ҶДММ "Иттиҳодияи истеҳсолии нассоҷи тоҷик" барои солҳои 2013-2020 дар шакли ҷадвал чунин мебошад [11].*

| № | Номгӯи нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
| 1 | Ҳаҷми коркарди пахта (ҳазор тонна) | 2,2 | 2,2 | 1,0 | 0,3 | 0,7 | 0,8 | 1,2 | 1,2 |
| 2 | Ҳаҷми пахтаи коркардшуда нисбат ба иқтидори истеҳсолӣ (фоиз) | 27,1 | 27,2 | 12,3 | 3,6 | 9,1 | 9,4 | 15,3 | 15,5 |
| 3 | Содироти нахи пахта (млн сомонӣ) | 16,8 | 8,2 | 4,7 | 2,2 | 7,1 | 5,7 | 6,9 | 10,0 |

*Сарчашма: Вазорати саноат ва технологияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Тибқи маълумоти омории мақомоти андоз ҶДММ "Иттиҳодияи истеҳсолии нассоҷи тоҷик" агар дар соли 2013 даромади умумии он 20,3 млн сомониро ташкил намуда бошад, пас ин рақам дар соли 2020 ба 14,7 сомонӣ баробар гардида, нисбати соли 2013 ба маблағи 5,6 млн сомонӣ ё 27,3 фоиз кам мебошад.

Тибқи ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи ҷамъият фоидаи бадастовардаи он дар соли 2013 маблағи 1,7 млн сомониро ташкил дода, он дар соли 2020 ба 0,2 млн сомонӣ баробар гардидааст, ки ба маблағи 1,5 млн сомонӣ ва (ё) 11 маротиба коҳиш ёфтааст. Дар соли 2020 даромаднокии (рентабелнос) ҷамъият 1,7 фоизро ташкил дода, он нисбат ба соли 2013, ки ба 8,5 фоиз баробар буд, 6,8 фоиз кам мебошад.

Арзиши воситаҳои асосии ҷамъият дар соли 2013 маблағи 114,5 млн сомониро ташкил намуда, он дар соли 2020 ба 116,5 млн сомонӣ баробар гардидааст, ки он нисбат ба соли 2013 ба маблағи 2,0 млн сомонӣ афзоиш ёфтааст (ниг.ҷад. №2).

*Ҷадвали №2.*

*Нишондиҳандаҳои молиявии ҶДММ “Итиҳодияи истеҳсолии нассоҷи тоҷик” барои солҳои 2013-2020 чунин мебошад*

| № | Номгӯи нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
| 1 | Арзиши воситаҳои асосӣ (млн сомонӣ) | 114,5 | 114,5 | 115,6 | 115,9 | 115,9 | 116,5 | 116,5 | 116,5 |
| 2 | Даромади умумӣ (млн сомонӣ) | 20,3 | 9,7 | 7,5 | 5,2 | 9,7 | 8,6 | 13,1 | 14,7 |
| 3 | Фоида/зарар(+/-) (млн сомонӣ) | 1,7 | 0,5 | 0,6 | 0,1 | 0,6 | 0,1 | -0,4 | 0,2 |
| 4 | Даромаднокӣ (рентабелност) (фоиз) | 8,5 | 5,4 | 7,5 | 2,1 | 6,0 | 1,3 | - | 1,7 |
| 5 | Маблағи андозҳои ҳисобшуда (млн сомонӣ) | 2,2 | 2,9 | 1,5 | 1,7 | 1,8 | 2,9 | 2,6 | 2,1 |

*Сарчашма: ҶДММ “Итиҳодияи истеҳсолии нассоҷи тоҷик”*

Мувофиқи маълумоти омории мақомоти андози кишвар дар маҷмуъ маблағи андозҳои дохилии ба буҷети давлатӣ вориднагардида аз ҳисоби татбиқи имтиёзҳо ба ҶДММ “Иттиҳодияи истеҳсолии нассоҷи тоҷик” дар соли 2013 маблағи 4488,3 ҳазор сомонӣ, дар соли 2014 маблағи 2425,3 ҳазор сомонӣ, дар соли 2015 маблағи 2040,9 ҳазор сомонӣ, дар соли 2016 маблағи 1708,3 ҳазор сомонӣ, дар соли 2017 маблағи 2581,2 ҳазор сомонӣ, дар соли 2018 маблағи 2409,8 ҳазор сомонӣ, дар соли 2019 маблағи 3190,0 ҳазор сомонӣ ва дар соли 2020 маблағи 3600,5 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.(ниг.ҷад №3)

*Ҷадвали №3*

*Маблағи андозҳои дохилии ба буҷети давлатӣ вориднагардида аз ҳисоби татбиқи имтиёзҳо дар солҳои 2013-2020*

| № | Номгӯи андозҳои озодкардашуда | Солҳо | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
| 1 | Андоз аз фоида (андози низоми соддакардашуда) (ҳазор сомонӣ) | 224,7 | 67,9 | 74,0 | 14,0 | 74,7 | 14,4 | 0 | 32,1 |
| 2 | Андоз аз арзиши иловашуда (ҳазор сомонӣ) | 3653,4 | 1747,2 | 1356,8 | 931,7 | 1743,8 | 1556,5 | 2352,5 | 2653,2 |
| 3 | Андозҳо аз молу мулки ғайриманқул (ҳазор сомонӣ) | 610,2 | 610,2 | 610,2 | 762,7 | 762,7 | 839,0 | 884,7 | 915,2 |
| **Ҳамагӣ** | | 4488,3 | 2425,3 | 2040,9 | 1708,3 | 2581,2 | 2409,8 | 3190,0 | 3600,5 |

*Сарчашма: Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Дар натиҷаи омӯзиш ва баҳодиҳӣ маълум гардид, ки имтиёзҳои ба ҶДММ “Иттиҳодияи истеҳсолии нассоҷи тоҷик” муқарраршуда дар маҷмӯъ самаранок намебошад. Зеро, нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва молиявии корхонаи мазкур новобаста аз бархудор шудани имтиёзҳои муқарраршудаи андозиву гумрукӣ, дар давраи солҳои 2013-2020 тамоюли камшавӣ дошта, ба истеҳсолии дохилии маҳсулоти ниҳоии пахтагӣ аз ҷониби Ҷамъият содироти матоъ ба роҳ монда шудааст, ки ин ҳолат таъмини бозори истеъмолиро бо маҳсулоти ниҳоии ватании саноати душвор месозад.

Барои ҳалли мушкилоти маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ самтҳои афзалиятнок муайян карда шуданд, ки яке аз онҳо ба меъёрҳои тезонидашудаи истеҳлок барои навсозии техника ва технология асос ёфтааст. Дар Тоҷикистон барои корхонаҳои саноати пахтатозакунӣ ҳангоми пардохти андоз аз даромад истифодаи истеҳлоки суръатбахш ҳеҷ таъсире надорад. Пешниҳод мешавад, ки бо дарназардошти он, ки таъсиси истеҳлоки босуръат метавонад барои ташкили лизинги самаранок дар

муҷтамаи саноати пахта мусоидат дошта бошад, аз ин рӯ зарур аст, ки моддаҳои алоҳидаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ин ҳолат тағйир дода шавад.

Таҳлили амиқи вазъи соҳаи саноат дар солҳои соҳибистиқлолӣ нишон медиҳад, ки дар амал тадбиқ намудани ислоҳоти пахта, барномаҳои давлатию сармоягузорӣ дар рушду пешрафти саноат, таъсиси корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти ватании ивазкунандаи воридот ва бо шуғл фаро гирифтани аҳолӣ соҳаи саноат ба пешравиҳои назаррас ноил гардидааст, аммо масъалаи коркарди маҳсулоти нимтайёр ва ниҳоӣ аз пахта ҳамагӣ ҳудуди 60 фоизро дар бар мегираду 40 фоизи он чун ашёи хом содирот мешавад, ки чунин ҳолат рушди соҳаро камарзиш мекунад.

Хулоса, агар корхонаҳои ватанӣ истеҳсоли ниҳоии маҳсулоти пахтагинро дар дохили ҷумҳурӣ ба роҳ намонанд, ҳавасмандии корхонаҳои коркарди пахта зиёда намешавад. Танҳо дар сурати истеҳсоли ниҳоии маҳсулот мо метавонем ҳам бозорҳои дохилиро бо маҳсули ватанӣ таъмин намоем ва ҳам содиротро бештар рушд бахшида, садҳо ҷойи корӣ муҳайё созем ва дар ғанӣ гардонидаи буҷети мамлакат ҳисса гузорем.

Маълум аст, ки имтиёзҳои андозии корхонаҳои коркарди пахта бештар бо мурури замон таъсири тӯлонӣ дошта, боиси тадриҷан афзудани дороиҳои андозсупоранда ва ҳамин тавр, дар оянда афзоиши воридоти андоз ба низоми буҷет таъмин мегардад. Вобаста ба ин, ба механизми баҳодиҳии самаранокӣ чунин мафҳум, ба монанди таъсири маҷмӯии имтиёзҳои андози корхонаҳои коркарди пахта, дар асоси меъёрҳои нишондиҳандаҳои мутақобилаи камомади даромадҳои буҷет дар якҷоягӣ бо фаъолияти молиявию хоҷагидории субъектҳои хоҷагидорӣ ворид кардан зарур аст. Бешубҳа, ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки кор оид ба такмили механизми арзёбии самаранокии воситаҳои ҳавасмандгардонии андозӣ дар корхонаҳои коркарди пахта вобаста ба рафъи камбудиҳои ошкоршуда, баланд бардоштани объективӣ ва соддагардонии баҳодиҳӣ бо мақсади дар оянда ба нақша гирифтани даромадҳои андоз ба буҷетҳои маҳаллӣ идома дода шавад.

## АДАБИЁТ


1. Алимов, А. А. Налоговая реформа и налоговое бремя в условиях переходной экономики Таджикистана / А. А. Алимов, А. М. Маъмуров // Научное обозрение. Серия 1: Экономика и право. – 2011. – № 6. – С. 278-284.
2. Дадоматов, Д.Н. Инвестиции как основной элемент для развития регионального промышленного предпринимательства Таджикистана / Д. Н. Дадоматов, Б. М. Кузибаева // Конкурентоспособность в глобальном мире: экономика, наука, технологии. – 2017. – № 11(58). – С. 720-723.
3. Джумабоев Х.К. Роль и значение налоговых льгот в развитие промышленных предприятий / Х.К. Джумабоев // Финансово-экономический вестник. - 2018. - № 4 (16). - С. 27-30.
4. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав. - Душанбе,2022с.- с.340. [Манбаи электронӣ].URL: https://andoz.tj/docs/kodex/Tax-Code__01-01-2022-RT_tj.pdf [санаи ворид: 22.12.2022 с].
5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи маъмурикунонии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025» аз 30.12.2019.-тахти №643. – Душанбе, 2020. – 18с.
6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби пешниҳоди имтиёзҳои андози ва гумруки» аз 31.12.2020, тахти №670 / – Душанбе, 2020. – 31с.
7. Маъмуров А.М. Налоговое администрирование в системе налоговых отношений // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. - Худжанд, 2019.- № 1(78) - С. 36–44.
8. Маъмуров, А. М. Дурнамо ва самтҳои такмили низоми маъмурикунонии андоз бо мақсади таъмини амнияти андозии минтақа / А. М. Маъмуров // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2021. – No 1-2(86). – P. 178-185.
9. Хадамоти матбуоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Суханронӣ дар мулоқот бо кормандони соҳаи саноати кишвар.14.10.2019. http://www.president.tj (санаи мурочиат 22.12.2022)
10. Ҳисобот оид ба баҳодиҳии самаранокии имтиёзҳои андозию гумрукӣ. –Душанбе, 2021. – 39с.
11. Ҳисоботи Вазорати саноат ва технологияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2013-2020.
12. Ҳисоботи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2013-2020.


## BIBLIOGRAPHY


1. Alimov, A. A. Tax reform and tax burden in the conditions of transitional economy of Tajikistan / A. A. Alimov, A. M. Mamurov // Scientific review. Series 1: Economics and law. - 2011. - No. 6. -P. 278-284.
2. Dadomatov, D.N. Investment as the main element for the development of regional industrial enterprise in Tajikistan / D. N. Dadomatov, B. M. Kuzibayeva // Competitiveness in the global world: economics, science, technology. - 2017. - No. 11(58). - P. 720-723.
3. Jumabaev H.K. The role and importance of tax benefits and the development of industrial enterprises / H.K. Dzhumaboev // Financial and economic journal. - 2018. - No. 4 (16). - P. 27-30.

4. Tax Code of the Republic of Tajikistan in the new edition. - Dushanbe, 2022 p. - p. 340. [Electronic source].URL: https://andoz.tj/docs/kodex/Tax-Code__01-01-2022-RT_tj.pdf [access date: 11.01.2023 p].
5. Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan "Tax administration program in the Republic of Tajikistan for 2020-2025" dated 12.30.2019 under No. 643. - Monday, 2020. – 18p.
6. Decree of the Government of the Republic of Tajikistan "On the procedure for providing tax and customs benefits" dated 12.31.2020, under No. 670 / - Dushanbe, 2020. - 31 p.
7. Mamurov A.M. Tax administration in the system of tax relations // Vestnik of the Tajik State University of Law, Business and Politics. Series of public sciences. - Khujand, 2019.- No. 1(78) - P. 36-44.
8. Mamurov, A. M. Prospects and directions for improving the tax administration system in order to ensure the tax security of the region / A. M. Mamurov // Bulletin of the Bokhtar State University named after Nasira Khusrava. Series of humanitarian and economic sciences. - 2021. - No. 1-2(86). - P. 178-185.
9. Press service of the President of the Republic of Tajikistan. Speech at a meeting with industry workers of the country. 14.10.2019. http://www.president.tj (access date 14.01.2023)
10. Report on the assessment of the effectiveness of tax and customs benefits. - Monday, 2021. - 39 p.
11. Report of the Ministry of Industry and New Technology of the Republic of Tajikistan for 2013-2020.
12. Report of the Tax Committee under the Government of the Republic of Tajikistan for 2013-2020.